**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дарачаи илмҳои номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. –Душанбе 2024. –176 саҳ.**

Нависандагону адибон ва қаламкашон пешбарандагони забон, таърих, фарҳанги ҳар як миллати соҳибкалом мебошанд. Абдусалом Деҳотӣ аз зумраи чунин соҳибзабонҳост, ки дар ташаккул ва такомули таркиби луғавии забони тоҷикӣ, илми тарҷумонии тоҷик хизмати босазое кардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши забон ва услуби осори насриву назмии нависанда муҳим ва саривақтӣ буда, баррасии хусусияти қабатҳои луғавию семантикӣ, корбурди вожаҳои аслию иқтибосӣ, калимаҳои хоси гуфтугӯӣ, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо ба хонанда имкон медиҳад, ки бо маҳорати нависанда дар интихоби унсурҳои лексикӣ, корбурди воситаҳои муассири нутқ дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, образи қаҳрамону персонажҳо, мавқеи вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ифодаи соҳаи ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ шинос гардад. Мавзуи интихобнамудаи диссертант метавонад ба масъалаи маъношиносӣ ва услубшиносӣ мусоидат намояд.

**Навгонии диссертатсияи** мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои қабатҳои луғавию семантикӣ, корбурди вожаҳои аслию иқтибосӣ, воситаҳои муассири нутқ- муродифоту мутазодҳо, калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба таври густурда мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Сатторова Д.Қ. мубрам ва саривактӣ буда, дар забоншиносии тоҷик мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Мавзуи диссертатсия масъалаи омӯхтанашудаи забони тоҷикиро дар бар мегирад. Маводи таҳлилшуда аз матни ҳикояҳои А.Деҳотӣ ҷамъоварӣ гардида, бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Вобаста ба ин, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ комилан **мутобиқат мекунад.**

**Дарачаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи диссертатсионӣ** ба микдори муайяну кофии маводи таҳқиқ, эътимоднокии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқияти маълумоти илмӣ, таҳлили забонии маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ вобаста мебошад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар 13 банд нишон дода шуда, мақсаду вазифаҳо ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти

диссертатсиониро дар бар гирифтаанд. Хулосаҳои муаллиф муҳтавои таҳқикро ба таври мушахас инъикос кардаанд. Дар диссертатсия ҷойгоҳи қабатҳои луғавию семантикӣ, корбурди вожаҳои аслию иқтибосӣ, воситаҳои муассири нутқ- калимаҳои сермаъно, муродифоту мутазодҳо, калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо дар насри нависандаи хушбаён Абдусалом Деҳотӣ муайян карда шудааст. Муҳаққиқ ҳангоми баррасии муродифот ва мутазодҳо онҳоро аз ҷиҳати ҷойгоҳи ҳиссаҳои нутқ дар ташкили онҳо ба муродифоти исмӣ, сифатӣ, мутазодҳои исмӣ, сифатӣ, феълӣ ва зарфӣ тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст Инчунин муҳаққиқ вожаҳоро аз ҷиҳати баромад ба калимаҳои аслӣ, ва вомвожаҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ гурӯҳбандӣ намуда, дар асоси адабиёти назариявӣ маводи гирдовардаро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур дар он таҷассум меёбад, ки забон ва услуби ҳикояҳои А. Деҳотӣ бори аввал мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ, ташаккул ва таҳаввулот ва корбурди калимаҳои сермаъно, муродифоту мутазодҳо, вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ, инчунин услуби нигориши нависанда дар интихоб ва корбурди зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳои рехта ба масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ, услубшиносӣ ва лексикология кумак расонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои лексиколгия, луғатшиносӣ, услубшиносӣ, инчунин таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ доир бо лексикология, услубшиносӣ, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси лексикология ва услубшиносии тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи **Сатторова Дилрабо Қаҳоровна** аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 176 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар муқаддимаи кор мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи азхудкунии он, заминаҳои назариявию методологии рисолаи илмӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекту мавзуи таҳқиқот, усулҳо, марҳилаҳо ва соҳаи таҳқиқот эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсияро ба таври мушаххас баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия-**“Қабатҳои луғавӣ-маънои вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ”** унвон дошта, аз чор фасл, шаш зерфасл ва

хулоса иборат аст. Фасли якум- **“Калимаҳои сермаъно ”** ба шарҳу тафсири калимаҳои сермаъно, ҳодисаи сермаъноӣ дар забоншиносӣ, назар донишмандон доир ба сермаъношавии вожаҳо бахшида шуда, маводи зиёди амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дувум **“Омонимҳо”** ном дошта, дар ин фасл вижагиҳои калимаҳои омонимӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ омонимшавии вожаҳои аслӣ ва иқтибосиро низ бо мисолҳо таҳлил намуда, маҳорати нависандаро дар интихоби калима нишон додааст.

Фасли сеюми боби якум- “**Вижагиҳои муродифот”** унвон дошта, аз се зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли якум он муродифотеро мавриди баррасӣ қарор додааст, дар ташкили онҳо исмҳо мавқеи хос доранд:шарм, ҳаё, гиря, дод, фиғон, доду фиғон ва ғ. Зерфасли дуюм- “Муродифоти сифатӣ” унвон дошта, муродифшавии сифатҳо бо мисолҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зерфасли сеюм ба корбурди муродифоти ҷуфтистеъмол дар ҳикояҳои нависанда бахшида шудааст.

Дар фасли чорум –**“Корбурди мутазод** , ки аз се зерфасл иборат аст, дар зерфасли якум мутазодҳои исмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷолиб аст, ки муҳаққиқ ба услуби нигориши нависанда дар интихоб ва корбурди мутазоди матнӣ эътибори ҷиддӣ дода, маҳорати нависандаро дар интихоби воситаҳои муассири забон нишон додааст. Зерфасли дувуми ин фасл “**Мутазодҳои сифатӣ”** ном дошта, мавқеи сифатҳо дар муқобилгузорӣ бо мисолҳо нишон дода шудааст.

Зерфасли сеюм **“Мутазодҳои зарфӣ ва феълӣ”** унвон дошта, дар ин фасл мутазодшавии феъл ва зарф дар муқобилгузорӣ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми рисола “**Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ»**,номгузорӣ шуда, аз ду фасл ва се зерфасл иборат мебошад. Фасли якуми боби дуюм «**Вожаҳои аслан тоҷикӣ**» (78-85) унвон дошта, ба масъалаи корбурди вожаҳои аслӣ дар ҳикояҳои нависанда бахшида шудааст. Муҳаққиқ маводи гирдовардаашро аз ҷиҳати ифодаи маъно даврабандӣ намуда, маводи фаровонеро мавриди таҳлил қарор додааст.

Фасли дуюми боби дуюм «**Вомвожаҳо**» **(85-102)** номгузорӣ шуда, аз се зерфасл иборат мебошад. Зерфасли якуми боби дуюм «**Вомвожаҳои арабӣ**»(87-95) ба пажуҳишу корбурди вомвожаҳои арабӣ дар ҳикояҳои нависанда равона карда шудааст. Муҳаққиқ вожаҳои ин гурӯҳро аз ҷиҳати қолабҳои ҳамвазн тасниф намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Зерфасли дуюми боби дуюм «**Вомвожаҳои русӣ**» номгузорӣ шуда, вомвожаҳои русӣ аз ҷиҳати маъно ба панҷ гурӯҳ даврабандӣ шуда,

мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҷолиб аст: лексикаи марбут ба соҳаи нақлиёт, лексикаи соҳаи саноат, лексикаи ҳарбӣ, номи шаҳрҳо ва давлатҳо, лексикаи соҳаи алоқа.

Дар зерфасли сеюми боби дуюм «**Вомвожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ**» калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ аз ҷиҳати семантика ба панҷ гурӯҳ тасниф карда шуда, таҳлил ва баррасӣ гардидаанд: калимаҳои мансуби хешутаборӣ, калимаҳои мансуби наботот, калимаҳои мансуб ба соҳаи ҳарбӣ ва номи унвону вазифа, калимаҳои ифодакунандаи асбобҳои рӯзгор ва хӯрокворӣ, калимаҳои ифодакунандаи масоҳат, амалҳои гуногун. Чунин таснифот ва баррасӣ мушаххасу муҳиманд.

Боби сеюм «**Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ва хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ**» унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби сеюм «**Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ**» калимаҳое ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки услуби нигориши нависандаро барҷаста нишон медиҳанд. Нависанда бо ғаразҳои услубӣ аз ин қабати лексика фоида бурда, матлабро дақиқ ва нишонрас баён мекунад.

Фасли дуюми боби мазкур «**Услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ**», ба омӯзиш ва усули корбурди ин воситаҳои муассири нутқ дар ҳикояҳои нависанда бахшида шудааст. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки “нависанда ибораю ифодаҳои фразеологиро ба мақсаде меорад, ки руҳият каҳрамони асари ӯ ба хонанда намоён шавад”. Фразеологизмҳо яке аз роҳҳои пуробрангу муассир баён намудани матлаб мебошанд.

Фасли сеюми боби сеюм «**Таснифоти зарбулмасалу мақолҳо**» ном дошта, ин гурӯҳи лексикӣ, ки инъикосгар вазъи иҷтимоии ҷомеа мебоашанд, мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

**Хулосаю** натиҷагириҳои муаллифи дессертатсия ба далелҳои муътамади забонӣ асос ёфтаанд. Онҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ баромада, дар 12 банд ҷамъбаст гардидаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқикро** ҳикояҳои нависанда ташкил медиҳанд, ки таҳлилу хулосаҳои муаллифи диссертатсияро тақвият додаанд.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф** дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, дар рушди минбаъдаи илми маъношиносӣ ва услубшиносии тоҷик нақши муҳим мегузоранд.

Аз мутолиаи онҳо маълум мешавад, ки муҳаққиқ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнату кӯшиши зиёд ба мақсад расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна тахти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи лексикология ва услубшиносӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар саҳ. 26-27 вожаи хат бо мактуб ба қабати лексикаи сермаъно таҳлил гардидааст. **Хат ва мактуб** синониманд, хусусияти сермаъноӣ зоҳир намекунанд.
2. Баъзе адабиёти назриявӣ дар кор зикр шудааст, аммо дар рӯйхати адабиёт фурӯгузор шудааст (, М. Алламуродова, Ш. Имоилов, 2012, Нурмаҳмадов Ю. ва ғ)
3. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ зиёд мушоҳида гардидаанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст: саҳ. 7, 13, 25, 27, 37, 76 ва ғ.
4. Номи мавзуъ “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ” унвон дорад, аммо дар диссертатсия доир ба тобишҳои маънои услубии вожаҳо кам эътибор дода шудааст. Агар ба ин самт бештар таваҷҷуҳ дода мешуд, сифати кор хубтар мегардид.
5. Натиҷаи кор дар диаграмма нишон дода мешуд, беҳтар буд.
6. Дар рисола тартиби хронологӣ риоя карда нашудааст.

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои заруриро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоташ **хуб** огоҳӣ дорад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова Санобар Фахриевна
Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com
Сана: 15.04.2024.

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино", н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Изатуллоевич

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj
Сана: 15.04.2024.